# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии доктор PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия)**

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри соли 2019 қайд гардидааст: «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шаклу моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёлӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Ба хотири боз ҳам бештар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф» эълон карда шуд.

Албатта сардори давлатамон баъди омӯзишу таҳлили амиқ ин иқдоми некро пешниҳод намуданд. Чунки пешрафту тараққиёти мамлакатро рушди илмҳои табиатшиносию дақиқ ва риёзӣ муайян мекунад.

Барои амалӣ намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз ҳама роҳу усул истифода бурда шароити мусоид фароҳам овардан зарур аст.

Дар шароити кунунӣ масъалаи амалигардонии инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, рушди қобилияти дар амалия истифода карда тавонистани донишҳои азхуднамуда торафт мубрамият пайдо менамояд.

Бинобар ин, таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла таълими химия бояд тарбияи шахсияти фаъол ва созандаро ба роҳ монда, дар шуури хонандагон эҳсосоти худогоҳии миллиро бедор намояд, барои истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, ноил шудан ба дастовардҳои илми химия мусоидат кунад.

Ҳамин тарик, **мубрамияти мавзӯъ** бо инҳо муайян шудааст:

- муҳиммияти ташаккули ваҷҳи омӯзиш дар хонандагон;

- омӯхташудагии нокифояи масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш дар методикаи таълими химия;

- зарурати таҳияи методикаи мушаххаси ташаккули ваҷҳҳои омӯзиши химия дар хонандагон;

- зарурати ҷорикунии методикаи ҳавасмандии хонандагон дар амалияи омӯзгор.

Мубрамияти таҳқиқот ва мавҷуд набудани заминаи кофии назариявӣ ва тарзҳои амалии татбиқи он ба интихоби мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» - сабаб шуд.

**Ҳадафи таҳқиқот** муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва баланд бардоштани самарабахшии таълими химия дар раванди истифодаи методикае, ки ба ташаккули ваҷҳҳо ва такмили ҳавасмандсозии хонандагон мусоидат менамояд, иборат аст.

**Масъалаҳои таҳқиқот:**

1) Таҳқиқи вазъи масъалаи ваҷҳҳо ва ҳавасмандсозӣ ба омӯзиш дар психология, педагогика ва методикаи таълими химия;
2) Муайян кардани шароити ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш;
3) Таҳияи методикаи ташаккули ваҷҳҳои омӯзишии хонандагон;
4) Санҷиши озмоишии таъсири методикаи таҳияшудаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандии омӯзиш ба фаъолнокии фикрии хонандагон, ба сифати азхудкунии донишҳои химия ва мустаҳкамии онҳо.

**Методҳои таҳқиқот:**

- методҳои назариявӣ; таҳлили адабиёти методӣ, психологию педагогӣ доир ба масъалаи методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ;
- методҳои эмпирикӣ: мушоҳида, гузаронидани тест, пурсиши омӯзгорон ва хонандагон, муқоиса;

- методҳои таҳлили сифатӣ ва микдории педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** натиҷаҳои таҳқиқот, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, муносибати системавӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ), инчунин услубҳои ба ҳар як марҳала мувофиқ, иштироки бевоситаи муаллиф дар санҷиши таҷрибавию озмоишӣ ба сифати омӯзгор, тамоюл ба корҳои назариявӣ, тасдиқи мафҳумҳо баён гардида, мутобиқати хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомадаро ба натиҷаҳои озмоиши педагогӣ таъмин менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- ваҷҳҳои самарабахши омӯзиши химия муайян ва шароитҳои ташаккули онҳо дар раванди таълими химия асоснок карда шудаанд;
- имкониятҳои таълими химия дар татбиқи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ тибқи нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ, зарурати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд;
- имкониятҳои мазмуни маводи химиявӣ дар заминаи мазмуни эҳсосотии дарс муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- вазъи омӯзиши масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар психология ва методикаи таълими химия муайян карда шудааст;
- меъёрҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шуданд.
- принсипи омӯзиши мавод - муносибати бисёрзаминавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- методикаи ташаккул ва ташхиси ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шудааст;

- усулҳои пешниҳод кардашударо дар мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс, лексияҳои проблемавӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо) вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ корҳои беруназсинфӣ ва ғайра бомуваффақият истифода кардан мумкин аст;
- тавсияҳои методиро оид ба ташаккул ва истифодаи ваҷҳҳо барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзишро омӯзгорон метавонанд дар ҳама зинаҳои таълими химия ва дигар фанҳо истифода намоянд.

**Саҳми шахсии довталаб**

- Тамоми марҳалаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз қабили интихоби мавзӯъ, муайян кардани ҳадаф, объекти таҳқиқот, асоснокӣ ва аҳамиятнокӣ, асосҳои методологию назариявӣ, мушоҳида, муқоисаи маълумот ва иштироки бевоситаи ӯ дар кори таҷрибавӣ – озмоишӣ амалӣ шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз руйи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқ гардида, таъдоди умумии интишорот 12 аз инҳо 9 мақолаи илмӣ ва 3 то фишурда дар конфиренсияи байналмиллалӣ ба чоп расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои муқаддима «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» ва зербахши «Тавсияҳо оид истифодаи амалии натиҷаҳо» ва «номгӯи адабиёт» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 165 саҳифаи чопии компютерии бо ёрии протссесори матни Microsofti Word ҳарфчини шуда иборат буда, 30 расми диаграмма ва 10 ҷадвалро дар бар мегирад. Рақамгузории расми ҷадвалҳо барои ҳарду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 150 номгӯйро дар бар мегиранд.

Дар муқаддима интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, навгониҳои илмии рисола баён ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, инчунин асосҳои методологии он, моҳияти назариявӣ ва амалии

таҳқиқот, нуқтаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда, давраҳои омӯзиш баён карда шудааст.

Боби якуми рисола «Инъикоси масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш дар психология ва методикаи таълими химия» – ро ташкил медиҳад.

Дар ин боб докторант PhD қайд менамояд, ки агар омӯзгорон дар баробари дар дарсҳо, машғулиятҳо истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим, инчунин майлу рағбати идроки хонандагонро ҷоннок накунанд, дар онҳо ваҷҳҳои омӯзиш, ҳавасмандиро ташаккул надиҳанд, ба натиҷаҳои зарурӣ соҳиб шудан хеле мушкил аст. Дар ин боб муаллифи рисола ҳавасмандӣ, ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ба таҳсил, хурсандӣ, ҳайрат, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва замонавӣ, майлу рағбат, талаботи мустақилона аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатӣ ва ғайраро ҷой намудааст.

Ҳамин тавр, докторант PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар боби аввал чунин хулоса баровардааст: «ваҷҳ» – ин таҳрик ба амал, «ҳавасмандӣ» – раванди ташаккули ваҷҳ мебошад, ки метавонад бо эҳсосоти мусбат ва манфӣ ҳамроҳӣ кунад. Дар раванди ташаккули ваҷҳ дар дарсҳои химия бояд ба он такя карда шавад, ки қонеъгардонии талаботи хонанда дар фаъолияти фикрӣ ва фаъолияти босаводонаи ҳаётӣ имконпазир бошад.

Боби дуюм ба «Шароити ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш» бахшида шудааст.

Дар ин боб докторант PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна тазаккур додааст, ки донистани маълумоти наву тоза назар ба маводи маълум ҳамеша мароқовар аст. Дар раванди донистани маълумоти нав дар бораи чизи маълум хонандагон донишҳои касбшавандаро бо маълумоти аллакай мавҷуда муқоиса менамоянд, ки ин боиси рушди ақлонӣ мешавад.

Муаллифи рисола дар натиҷаи таҳқиқот ба воситаи пурсишномаҳо муқаррар намудааст, ки озмоиши химиявӣ боиси мароқ зоҳир кардани хонандагон дар дарсҳои химия мегардад. Дар раванди мушоҳида хонандагон натиҷаҳои таҷрибаҳоро мустақилона пешбинӣ мекунанд.

Аз боби дуюми диссертатсия хулоса баровардан мумкин аст, ки

харитаи фаъолнокии фикрӣ метавонад ба сифати маълумоти умумӣ оид ба таҳлили дарс бо мақсади ошкоркунии он, ки оё дар дарс ваҷҳи «шавқовар» ташаккул ёфта метавонад, ба сифати асос барои дарси эҷодӣ, ки ваҷҳи «шавқовар»-ро ташаккул медиҳад, хизмат намояд. Барои он, ки дар дарс ваҷҳи «шавқовар» ташаккул ёбад, дар давоми дарс ба вуҷуд овардани вазъиятҳои фаъоли фикрӣ зарур аст (яъне дар асоси дарс бояд харитаи фаъолияти фикрӣ қарор гирад). Ин зимни тавзеҳи мавзӯи нав аз ҷониби омӯзгор, зимни гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ва инчунин дар вақти иҷрои кори мустақилонаи хонандагон имконпазир аст.

Докторант PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна қайд менамояд, ки дарс ваҷҳи «мароқовар» – ро ташаккул медиҳад, агар дар ҷараёни дарс омӯзгор вазъияти фаъолнокии фикриеро эҷод кунад, он гоҳ пайдарпайии онҳоро дар варақаи фаъолнокии фикрии дарс инъикос кардан мумкин аст.

Боби сеюми диссертатсия ба «Методикаи ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш» бахшида шуда, методика доир ба татбиқи хулосаҳои баровардашуда таҳия гардида, санҷиши озмоишии самарабахшии он гузаронида шудааст.

Мақсади асосии диссертант муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва баланд бардоштани самарабахшии таълими химия дар раванди истифодаи методикае, ки ба ташаккули ваҷҳҳо ва такмили ҳавасмандсозии хонандагон мусоидат менамояд, иборат аст.

Муаллифи рисола Азимова Шабнам бо мақсади санҷиши таҷрибавии маводи дидактикӣ доир ба методикаи омӯзиши «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дар заминаи синфҳои 8-10 –и литсейи «Ориёно»-и шаҳри Бохтар, литсейи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳри Бохтар таҷрибаҳо гузаронидааст.

Натиҷаҳои озмоиши гузаронидаашро докторант PhD Азимова Шабнам ҷамъбаст намуда нишон додааст, ки баҳри баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии ҳангоми омӯзиши фанни химия дар ҳамаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсей омӯзиши фанни химия бо

методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия ба мақсад мувофиқ аст. Дуруст омӯзонидани методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боиси баланд шудани самарабахшии таълими химия дар раванди истифодаи ин методика, ки ба ташаккули ваҷҳҳо ва такмили ҳавасмандсозии хонандагон мусоидат менамояд натиҷаи назарас додааст.

Докторант PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна қайд менамояд, ки барои ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид» курси «Муҳити зист аз нигоҳи химик» таҳия карда шуд, ки шароити заруриро барои ҳавасмандсозии хонандагон ба омӯзиши химия муҳайё месозад. Методикаи ҳавасмандсозӣ ва ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар дарсҳои химия бо истифода аз вазъияти фаъолияти фикрӣ, кӯмаки воситаҳое, ки дар методика ошкор гардидаанд (озмоиш, интихоб, осори санъат, супоришҳои маърифатии рушддиҳанда, машғулиятҳои амалӣ, ҷадвалҳои пешбиникунанда ва ғайраҳо), таҳия карда шудааст. Истифодаи дурусти онҳо дар ҳамбастагӣ бо маводи барномавӣ сабаби ҳавасмандии хонандагон шуда, ба баланд шудани дониши онҳо аз химия мегардад.

Рисолаи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» омӯзиши ин мавзӯъ ва натиҷагириҳо аз он баҳри баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, аллалхусус фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле муҳим мебошад.

Дар рисолаи мазкур роҳҳои дурусти «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» нишон дода шудааст ва ҳаллу фасл гардидааст.

Дар охир докторант PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи худ муқаррар намудааст, ки иҷрои мунтазами омӯзиш дар мавзӯи методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар баланд бардоштани сатҳи

дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзанда дорад.

Рисолаи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи хеле муҳим баҳри баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Диссертант дар таҳқиқоти худ натиҷаҳои хеле баланди илмию методӣ ба даст овардааст.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар маводи нашрияҳои муаллиф дар шакли мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Теъдоди умумии интишорот 12 аз инҳо 9 мақолаи илмӣ ва 3 то фишурда дар конфиренсияи байналмиллалӣ ба чоп расонида шудааст. Дар нашрияҳои сабти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақола ба чоп расидааст.

Дар баробари бартарияти таҳқиқот баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия оиди ваҷҳҳои маърифатӣ, водоркунанда сухан меравад, лекин дар бораи нақши онҳо дар таълими химия маълумот дода нашудааст.
2. Хуб мешуд нақши маводи химиявӣ, ки дар рӯзгори ҳарруза истифода мешаванд бо мисолҳои мушаххас вобаста ба мавзӯъ нишон дода мешуд.
3. Дар кор вазифаҳои дидактикии ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» пурра муайян карда нашудааст.
4. Дар диссертатсия дар бораи принсипи бисёрзинагӣ маълумот дода шуда моҳияти он бо мисолҳои мушаххас кушода нашудааст.
5. Хулоса ба забони тоҷикӣ (саҳ 21) дар автореферати диссертатсия аз 9 банд иборат буда, хулосаи русӣ (саҳ. 44-45) аз 8 банд иборат аст. Банди 5 хулоса дар қисмати руси партофта шудааст.
6. Дар диссертатсия хатогиҳои китобатӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмӯъ, эродҳои ишорашуда арзиши таҳқиқоти анҷомёфтаро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд ва фикр мекунам, ки кори диссертатсионии Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 таҳти рақами 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Азимова Шабнам Раҳматуллоевна барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои химия, профессори**
**кафедраи химияи фармасевтӣ ва**
**заҳршиносии МТД "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино"**
**(Ихтисоси 02.00.04 – Химияи физикӣ)**
**734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 139,**
**e-mail: umarali55@mail.ru**
**Телефон: (+992) 907 46 48 29** **Раҷабов Умаралӣ**

имзои/подпись Раҷабов У

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК

«17» 03 2021 с/г

МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» / ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино» — Раёсати рушди кадрӣ / Управление развития кадров